ҶАҲОНРО БА ДОНИШ ТАВОН ЁФТАН!

# ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТ

№ 5 (167)
30 апрели соли 2021

Нашрияи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИВУ РАҚАМӢ ДАР ИСТЕҲСОЛОТ



***Дар Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ бахшида ба истиқболи 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи илми тоҷик ва ҳафтаи илм конференсияи анъанавии илмию амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони "Роҳҳои таҳкимбахшии гуногунсамтии иқтисодиёт ва татбиқи технологияҳои инноватсиониву рақамӣ дар истеҳсолот" баргузор гардид.***

Конференсия бо сухани ифтитоҳии директори донишкада, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан оғоз гардид. Масуф зимни суханронӣ таъкид намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёён, донишмандон ва аҳли маорифи кишвар бо мақсади пешрафти соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат, бахусус, илму техника ва тақвияти тафаккури техникии ҷавонону наврасон дастурҳои мушаххас доданд. Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир Ҳукумати Тоҷикистон барои пешрафти фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат, ташаккули низоми самараноки инноватсионӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатнокии истеҳсолот, ба бозори дохиливу хориҷӣ баровардани маҳсулоти инноватсионӣ, истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот, суръатбахшии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ мусоидат менамояд, заминаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиро фароҳам овардааст.

Албатта, барои онҳое, ки рисолаҳои номзадии худро дифоъ менамоянд, аз тарафи раёсати донишкада ҳаматарафа дастгирӣ карда мешаванд. Тибқи қарори Шӯрои олимон барои устодоне, ки рисолаи номзадии худро дифоъ менамоянд, 3 ҳазор сомонӣ ва устодоне, ки рисолаи доктории дифоъ менамоянд 5 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо карда шуда, ҳамчунин роҳбарони корҳои илмии устодон низ ба мукофотпулӣ қадрдонӣ карда мешаванд.

Дар донишкада пайваста конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва донишкадавӣ баргузор мегарданд ва мақолаҳои пешниҳодгардидаи устодону муҳаққиқон дар шакли китоби алоҳида ба нашр мерасанд. Баъди сухани ифтитоҳии директори донишкада, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан маърӯзаҳои устодон: Ғозибеков Садриддин Арслонбекович, мудири кафедраи менеҷмент, доктори илмҳои иқтисод, профессор дар мавзӯи "Цифровизация экономики: сущность и содержание", Furthermore Бобоҷонова Муаттар Муродҷоновна, мутахассиси шуъбаи бақайдгирӣ ва машварат оид ба "Такмили механизми танзими шуғли аҳолӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ", Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна, докторанти бахши 1, аз рӯи ихтисоси 6D050602 – иқтисодиёти минтақа перомуни "Ташаккули муҳити инноватсионӣ ҳамчун омили навсозии иқтисодиёти минтақа" шунида шуданд.



Ҳамчунин Мамадалиева Гулсанам Тоҳировна, муаллими калони кафедраи математика ва технологияи информатсионии донишкада оид ба мавзӯи "Влияние искусственного интеллекта на развитие экономики" маърӯза намуда, донишҷӯи соли дуюми ихтисоси молия ва қарз Фирӯз Урунов бо забони англисӣ перомуни "The Importance of Digital Security in Interprises" маърӯза намуданд. Конференсияи илмию амалии "Роҳҳои таҳкимбахшии гуногунсамтии иқтисодиёт ва татбиқи технологияҳои инноватсиониву рақамӣ дар истеҳсолот" то санаи 1 майи соли 2021 дар бахшҳои алоҳида идома кард. Дар конференсия беш аз 400 мақола мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, нигоштаҳои олимону муҳаққиқони ҷавон дар шакли маҷмуаи алоҳида ба нашр хоҳад расид.

Конференсияи апрелии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон бо иштироки директори донишкада, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ҷамъбаст гардид. Мавсуф таъкид намуд, ки хушбахтона дастовардҳои илмии устодону донишҷӯён сол то сол зиёд гардида, дар конференсияву чорабиниҳои сатҳи вилоятиву ҷумҳуриявӣ устодони мо фаъолона иштирок менамоянд. Баъди сухани ҷамъбастии директори донишкада муовини директор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Мирпочоев Далер Алиҷонович аз кори конференсия дар бахшҳо натиҷагирӣ карда, пешниҳодҳои муфидро бахри боз ҳам дар сатҳи баланд гузаронидани конференсияҳои илмӣ баён дошт. Сипас дар вазъияти тантанавӣ ба иштирокчиёни фаъоли конференсия, барои маърӯзаҳои пурмуҳтаво устодону донишҷӯён ва ғолибони озмунҳои "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Илм – фурӯғи маърифат" бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравии раёсати донишкада қадрдонӣ карда шуданд.

***Нуъмон Раҷабзода***

## ТУҲФАИ АРЗАНДА БА ҶАШНИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



***Бахшида ба ҷашни фархундаи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Раёсати Иттифоқи Тоҷикматлубот то огози соли нави таҳсил дар маҳаллаи Пахтакори шаҳри Хуҷанд таҷдид ва таъмири бинои нави таълимии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ ба анҷом расида, мавриди истифода қарор дода мешавад.***

Ба мақсади шиносоӣ аз рафти корҳои созандагӣ директори донишкада, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ҳамроҳи гурӯҳе аз устодон ба бинои нави таълимӣ ташриф оварда, барои дар сатҳи баланд анҷом додани корҳои сохтмонӣ дастуру маслиҳатҳои судманд доданд.

Ба истифода дода шудани бинои нави таълимӣ туҳфаи арзандаи аҳли ҷомеаи меҳнатии донишкада ба ҷашни фархундаи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

***Хабарнигори "ИТ"***



# МУБОРИЗА БО ПАДИДАҲОИ НОМАТЛУБ ВАЗИФАИ ҲАР ЯК ШАҲРВАНД АСТ!



***Дар Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ тибқи нақша-чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ҷиҳати вусъат бахшидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ вобаста ба пешгирии падидаҳои номатлуб, аз ҷумла коррупсия, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва тарғиби ахлоқу одоби ҳамида, ҷалби донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои дақиқ, китобхонӣ ва баланд бардоштани эҳсоси худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ мулоқоти судманд баргузор гардид.***

Чорабинӣ бо сухани ифтитоҳии директори донишкада, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан оғоз гардид, ки ташрифи меҳмонон: намояндаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд Мирзоғуфрон Ғафуров ва устоди кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ Саидзода Шӯҳрат Шукурро самимона хайрамақдам гуфт.

Дар оғози сухан директори донишкада номзади илмҳои иқтисод, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан зикр намуд, ки мо аҳли ҷомеаи меҳнатӣ, профессорону устодон, донишҷӯён ва кормандони донишкада ҷавобан ба ғамхориву таваҷҷӯҳи ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шаҳомату кӯшиши дастҷамъона, саъю талоши пайваста барои ободии Ватани азизамон, таҳкими Ваҳдати миллӣ, баҳри сазовор истиқбол намудани 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори ватандории шогирдонамон, барои вусъати корҳои ободонию созандагӣ ҷаҳду талоши созанда намуда истодаем.

Пешвои муаззами миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ бо ифтихори баланди ватандорӣ таъкид намуданд, ки ҳифзи истиқлолу озодии Ватан, густариши пайвастаи худогоҳиву худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасот ва рамзҳои давлатӣ, таърих, забон ва фарҳанги миллӣ, таблиғи аҳамияти сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, сарҷамъии миллат, ваҳдати миллӣ, эҳтирому риояи Конститутсия ва қонунҳо, яъне таъмини волояти қонун бояд вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди бонангу номус бошад.

Мулоқоти мо дар ин замина баргузор гардида, дар ин самт дар донишкада корҳои зиёде ба анҷом расидаанд. Ҷиҳат вусъат бахшидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ вобаста ба пешгирии падидаҳои номатлуб, аз ҷумла коррупсия, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва тарғиби ахлоқу одоби ҳамида, ҷалби донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои дақиқ, китобхонӣ ва баланд бардоштани эҳсоси худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ дар байни донишҷӯён тадбирҳои зиёде амалӣ карда мешавад.

Намояндаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд Мирзоғуфрон Ғафуров зимни суханронӣ таъкид намуд, ки дар доираи нақша-чорабиниҳои Раиси вилояти Суғд муҳтарам Раҷаббой Аҳмадзода дар шаҳру навоҳии вилоят баргузории чорабиниҳо ҷиҳати вусъат бахшидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ вобаста ба пешгирии падидаҳои номатлуб, аз ҷумла коррупсия, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва тарғиби ахлоқу одоби ҳамида, ҷалби донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои дақиқ, китобхонӣ ва баланд бардоштани эҳсоси худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ ба роҳ монда шудааст.

Устоди кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ Саидзода Шӯҳрат Шукур зимни суханронӣ оид ба падидаҳои номатлуби замони муосир, истифодаи оқилонаи шабакаҳои иҷтимоӣ, фирефта нагаштан ба афкори бегонагон ва бадхоҳони миллат, тарбияи шоистаи ҷавонон ва баргузории озмунҳои гуногун фикру мулоҳизаҳои судманди хешро баён дошт.

Ассисстенти кафедраи тиҷорат ва ҳуқуқ Саидориф Бурхонов зимни суханронӣ таъкид намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, ки коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад, боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад. Мубориза бар зидди коррупсия танҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест, дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеа, ҳар шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бетараф набошанд. Дар донишкада чандин маротиба мулоқоти судманд бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баргузор гардида, бо мақсади баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии муҳассилин озмун дар мавзӯи "Таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия ва муқовимат бар он" аз рӯи номинатсияҳои мақолаи беҳтарин, шиори беҳтарин ва ролики иҷтимоии беҳтарин дар самти муқовимат бар зидди коррупсия гузаронида шуд. Донишҷӯи донишкада М. Баҳриддинов зимни суханронии хеш зикр намуд, ки мо ҷавонони даврони соҳибистиқлолии кишвар пайрави воқеии Пешвои муаззами миллат буда, алайҳи падидаҳои номатлуб муборизаи беамон хоҳем бурд.

Чорабиниро директори донишкада, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ҷамъбаст намуда, таъкид намуд, ки тарбияи шоистаи ҷавонон ва роҳнамоии онҳо ба сӯи худшиносию худогоҳии миллӣ вазифаи асосии ҳар як шаҳрванд маҳсуб мешавад.

# ДУШАНБЕ - ХОНАИ УМЕДИ ТОҶИКОН



***Ба ифтихори Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе бо ибтикори факултети иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионӣ, кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДИС ДДТТ дар ҳамбастгӣ бо кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд мизи мудаввар таҳти унвони "Душанбе – хонаи умеди ҳама тоҷикони ҷаҳон" баргузор гардид.***

Мизи мудаввар бо сухани ифтитоҳии муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулчеҳрахон Аҳророва оғоз гардид. Дар мизи мудаввар намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд иштирок ва суханронӣ намуданд.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент Зеварой Бобоева зимни суханронии пурмуҳтавои хеш дар бораи таърихи шаҳри Душанбе ва созандагию ободкориҳо дар замони соҳибистиқлолии кишвар андешаронӣ намуда, ҷавононро ба созандагию ободкорӣ даъват намуд. Доктори илмҳои иқтисод, профессор Абдумавлон Азимов аҳли нишастро ба муносибати Рӯзи пойтахт табрику таҳният гуфта, аз нақш ва хидматҳои Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон ва шаҳрдори Душанбе Рустами Эмомалӣ дар ободию сарсабзии кишвар ёдовар гардид.

Дар мизи мудаввар устодони донишкада Биҳафиза Қурбонова ва Шаҳноза Шарипова перомуни пойтахти мамлакат ҳамчун хонаи умеди тоҷикон ва Душанбе - шаҳри сарсабз маърӯза намуданд

Сипас донишҷӯёни соли аввал ва дуюми таҳсилашон бо забони англисӣ дар бораи Душанбеи ҷавону ҳамешабаҳор сухан ронда, шеърҳо қироат намуданд. Филми мустанад дар бораи таърихи шаҳри Душанбе намоиш дода шуд. Муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонон номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулчеҳрахон Аҳророва мизи мудавварро ҷамъбаст карда, ба меҳмонон, устодон ва донишҷӯён барои ташкили чунин чорабинӣ арзи сипос намуд.

*Хабарнигори "ИТ"*

# МИРЗО ТУРСУНЗОДА - САРОЯНДАИ СУЛҲ ВА ДӮСТӢ

***Бахшида ба 110-солагии шоири маҳбуби халқи тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ мизи мудаввар таҳти унвони "Мирзо Турсунзода – сарояндаи сулҳ ва дӯстӣ" баргузор гардид.***

Дар мизи мудаввар узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шоира Сурайё Ҳакимова иштирок ва суханронӣ намуда, баргузории чунин чорабиниҳоро дар баланд бардоштани маънавиёти насли наврас ва ҷавонон муфид арзёбӣ кард.

Сипас донишҷӯёни соли аввал ва дуюми таҳсилашон бо забони англисӣ дар бораи рӯзгор ва осори Мирзо Турсунзода маълумот дода, ашъори шоирро бо забонҳои англисӣ, тоҷикӣ ва русӣ қироат намуданд.

Филми мустанад оид ба зиндагиномаи шоир намоиш дода шуд. Суруди дилнишин аз эҷодиёти Мирзо Турсунзода аз тарафи донишҷӯён сароида шуд. Муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонон Гулчеҳрахон Аҳророва мизи мудавварро ҷамъбаст намуда, ба донишҷӯёни фаъол сипосномаҳои раёсати донишкадаро тақдим намуд.



# ШЕЪРИ ТУРСУНЗОДАВУ ИН ОБШОРОН ЗИНДА БОД!



***Ба ифтихори 110-солагии шоири маҳбуб, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода бо ибтикори факултети молия ва баҳисобгирии бухгалтерӣ, аз тарафи кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ чорабинии адабӣ-фарҳангӣ баргузор гардид.***

Чорабинӣ бо сухани ифтитоҳии мудири кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Сарвар Файзиева оғоз гардид. Мавсуф меҳмононро хайрамақдам гуфта, ҳадаф аз баргузории чорабиниро шарҳу тавзеҳ дод. Баъдан маърӯзаи ассисенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ Хушбахт Умуров оид ба рӯзгор ва осори Мирзо Турсунзода шунида шуд.

Дар ин чорабинӣ меҳмонон, адабиётшинос, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Субҳони Аъзамзод ва директори хона-музейи Мирзо Турсунзода Муаттара Ғаниева иштирок ва суханронӣ намуданд. Донишҷӯён дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти адабии Мирзо Турсунзода маърӯза намуда, аз ашъори шоир бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва узбекӣ шеърҳо қироат карданд.

Баъдан аз тарафи донишҷӯён саҳнаи адабии "Дуои модар" намоиш дода шуд. Бо рақсу сурудҳои дилнишин донишҷӯён хотири иштирокчиён чорабиниро болида гардониданд.

Чорабиниро муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулчеҳрахон Аҳророва ҷамъбаст намуда, ба иштирокчиёни фаъол сипосномаҳои раёсати донишкадаро тақдим намуд.

*Нуъмон Раҷабзода*



# ДАР СИТОИШИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

***Бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 7 майи соли 2001 ба шоири халқии Тоҷикистон, ходими намоёни ҷамъиятӣ, академик Мирзо Турсунзода унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд.***

Мирзо Турсунзода ба сифати Арбоби бузурги давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ, ба ҳайси Раиси кумитаи якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африқо дар тамоми олами мутамаддин шуҳрат дошт. Воқеан хашму нафрати халқи азияткашидаи Ҳиндустон алайҳи мустамликадорон, садои пурдару алами озодиву истиқлолхоҳии мардуми Осиёву Африқо бо ашъори устод Мирзо Турсунзода ба гӯши оламиён хубтар расиду ҳамовозӣ пайдо кард ва ниҳоят занҷири зулму истибдодро шикаст.

***Осиё бедор шуд, бедор тарки хоб кард,***
***Дӯстиву ростиро оқибат дарёб кард.***

Шеъру достонҳои шоир, ки пешрафти Тоҷикистон ва рушду камоли маънавии мардуми кишвари моро бо санъати олии сухан ва маҳорати баланд тасвир менамоянд, далели равшани ягонагии шоир ба халқу Ватан мебошад. Ӯ ба сифати муборизи роҳи сулҳ ва дӯстии халқҳо ба бисёр мамлакатҳои ҷаҳон сафар карда, аз минбарҳои баланди байналмилалӣ сухан мегуфт, Тоҷикистон халқи тоҷикро чун миллати сулҳпарвар, башардӯст ва фарҳангию хирадманд ба тамоми дунё машҳур сохт. Ӯ фарзанди содиқи халқ ва қавли худ «ба мисли гӯшти нохун ҳамеша бо Ватан буд».

***Профессор Ахвледиани – Гурҷистон***

Агар дар ситоиши Мирзо Турсунзода ҳарф занем, чунин маънӣ дорад, ки мо дар хусуси як давраи томи адабиёти советӣ сухан рондаем, ки ӯ симои бузурги он буд.

***Наби Ҳазрӣ – шоири Озарбойҷон***

Мехоҳам дар бораи Иттифоқи Советӣ чунин достоне нависам, ки мисли достони шоири тоҷик дар бораи Ҳиндустон бошад.

***Мулк Роҷ Онанд – адиби Ҳиндустон***

Шеърҳои ӯ фавқулода, оҳанг доранд. Ҳар тарҷумоне, ки бо асли ин шеърҳо шинос мешавад, барои дар забони русӣ ҳам нигоҳ доштани чунин хушоҳангӣ хеле азоби руҳӣ аз сар мегузаронад.

***Семён Липкин – тарҷумони рус***

Оқои Мирзо Турсунзода, ки ҳарчанд номаш монанди номи ман, - нишоне аз бегонагӣ дорад, наҷод ва забонаш бо эрониён ягона аст. Суханваре арҷманд аст, дар кишвари худ бисёр азиз аст ва муҳтарам аст ва назди мо низ чунин аст.

***Парвиз Нотили Хонларӣ – донишманди Эрон***

Асарҳои Мирзоро дар ҳар хонадон, аз синфҳои аввал то нафақагир гаштаву баргашта мехонанд, ёд мекунанд, ба мақомҳо даровардa месароянд, ба қаҳрамонони онҳо пайравӣ мекунанд. Ин бахти беҳамтои шоир аст.

***Раҳим Ҷалил***

Мирзо Турсунзода шоири маҳбуби халқ аст. Китобҳои ӯро коргарон, деҳқонон, муаллимон, донишҷӯён, мактаббачагон бо марoқи том мехонанд, бо худ ба сафар мебаранд. Хушбахтии шоир ана дар ҳамин аст.

***Аминҷон Шукуҳӣ***

Аз он ки борони файзбори баҳорон наздик шуда истодааст, аввал шуои барқ хабар медиҳад, ба шоири ҳақиқӣ низ ҳол чунин аст. Ҳанӯз даме, ки эҷоди ӯ танҳо марғзорони халқи азизашро шодоб мекунад, номи ӯ парвозкунон ба ҷойҳои дигар, ба назди халқҳои дигар меравад.

***Мустай Карим – шоири бошқирд***

Шоири ҳақиқиро хирад ва заковати ӯ гизо медиҳад. Ҳар қадаре, ки вай аз махзани афкори халқӣ, тахайюлоти эстетикӣ, анъанаҳои бостонии маданияти халқӣ бештар бахра бардорад, ҳамон қадар фардият ва лаёқати ӯ, шахсияти эҷодии ӯ ба назари мо намоён мешавад.

***Олес Гончар – нависандаи Украин***

Мирзо Турсунзода на танҳо дар назми Тоҷикистон, балки дар адабиёти советӣ муҳимтар аз ҳама, дар тамоми назми ҷаҳонӣ саҳифаи наве оғоз кард.

***Анатолий Сафронов***

Шумо дар ҳақиқат ҳам вориси арзанда ва ганҷинаи бузурги назми ҳазорсолаи халқамон шудаед ва ифтихори адабиёти тоҷик мебошед, ки садои Шумо орзую умедҳои тамоми одамони Шарқи бедоршударо ифода мекунад.

***Бобоҷон Ғафуров***

Касе ҷаҳонро саросар тай накардааст. Аммо шахсони бузург бо обрӯву эътибор ва осори безаволи худ ҷаҳонро тай кардаанд. Дӯсти ман Мирзо аз тоифаи ҳамин гуна одамон аст.

***Бердӣ Карбобоев***

Асарҳои Мирзо Турсунзодаро нафақат барои адибони тоҷик, балки барои адибони ҳамаи халқҳои советӣ бахшиши қимматбаҳоянд. Ин гармӣ ва зебоии дили бузурги шоир, бо илҳоми фурӯзон ӯ дили моро гарм ва табъи моро фурӯзон мекунад.

***Мирзо Иброҳимов***

Асарҳои Мирзо Турсунзода бо маҳорати баланд навишта шуданд. Шеърҳои ӯ гоҳҳо чун таронаҳои рӯҳпарвари халқи орому ботамкин ва гоҳҳо чун рӯдҳои кӯҳӣ шӯху беқароранд.

***Петрус Бровка***

Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода нависандагони пешқадами тоҷик, ифтихори адабиёти тоҷик мебошанд.

***И. С. Брагинский***

Асарҳои нависандагони намоёни тоҷик Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Улуғзода, Икромӣ барои ҷавонони мо дар роҳи ба вуҷуд овардани адабиёти миллӣ ва ҳақиқатан халқии худ намунаи сазовор мебошанд.

***Саид Нафисӣ – донишманди Эрон***

Туро оғӯш мекунам, муборакбод мекунам. Бигзор килки ту бо ранги нилуфар ҷовидонӣ нақшу нигор бандад.

***Михаил Шолохов***

***Ёдгорӣ Айниву ин кӯҳсорон зинда бод,***
***Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!***

***Лоиқ***

***Ҷалолова Ф.А.***
***н.и.ф., муаллимаи калони кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ***

# ПОЭТ С МИРОВЫМ ИМЕНЕМ



***На её неоглядном прибрежье,***
***В кишлаке, где пришлось мне родиться,***
***Пробудился мой голос впервые,***
***Полетел, как поющая птица.***

Таджикский народный поэт и герой - Мирзо Турсунзаде, родился 19-го апреля 1911 года в селе Каратаг, бывщего района Регар, Республики Таджикистан в семье небогатого резчика по дереву. Отец Мирзо Турсунзаде всегда мечтал о том, чтобы его сын стал образованным человеком. Ведь даже имя «Мирзо» означало – грамотный, образованный. И сын не обманул чаяний отца. Мирзо рано потянулся к знаниям. Азы грамоты он получил в медресе, а когда в Каратаге открылась школа-интернат для детей бедняков, стал одним из её первых учеников. Через год его перевели в детский дом города Душанбе - здесь одним из его учителей был легендарный Лахути.

Как лучшего студента педагогического техникума, Мирзо направляют продолжить учебу в Таджикском институте просвещения в Ташкенте. После окончания вуза начался его стремительный взлет…

Мирзо было всего 19 лет, когда, закончив образование, он начинает трудовую деятельность в газете «Комсомоли Тоҷикистон» с таджикскими литераторами Дехоти, Улуг-заде, Миршакаром. Он не только воспевал духовную красоту и нравственный подъём трудового народного подвига, но и был его непосредственным участником. Первые книги Мирзо Турсунзаде: «Знамя победы», «Осень и весна», «Стихи», возвестили о том, что в таджикскую литературу пришел большой поэт.

Тематика творчества Мирзо Турсунзаде разноплановa. Следует подчеркнуть, что не только в Таджикистане, но и во всем мире хорошо знают поэзию Мирзо Турсунзаде. Ещё в 70-е годы прошлого века известный русский поэт Николай Тихонов писал: «На вершине достижений находится сегодня таджикская поэзия, и самым лучшим представителем её является чудесный певец – Мирзо Турсунзаде, который, придя из глубины народных масс, владея, как волшебник, песенной народной речью, воспевает красоту своей Родины, красоту советского человека».

Мирзо Турсунзаде еще при жизни стал классиком. Его произведения переводились на десятки языков, критики давали лестные оценки, а народ напевал строчки его любовной лирики. «Я встретил девушку, полумесяцем бровь, на щечке родинка, а в глазах — любовь», — пожалуй, не только в Таджикистане, но и во всем Советском Союзе эту песню знали и любили. При этом многие даже не догадывались, что эти строки принадлежат Мирзо Турсунзаде: стихи были настолько душевными, теплыми, легкими, что казалось, сочинил их народ.

Молодежь и старики очень хорошо помнят и знают стихи Турсунзаде под именем «Ҷони Ширин ин қадар ҷангам макун» повторяя тем, что эти слова сказаны примерным таджиком.

Вдохновение для своих произведений Мирзо Турсунзаде черпал в таджикской природе, в таджикском народе, а еще он много путешествовал по миру. Поэт исколесил множество стран. В 40-х годах он побывал в Индии. Эта страна, ее жители, их быт и обычаи настолько потрясли Мирзо Турсунзаде, что вскоре был создан цикл стихотворений «Индийская баллада». За них он был представлен к Сталинской премии – наивысшей награде того времени.

Что касается верности себе, то для Мирзо Турсунзаде, прежде всего, она заключалась в верности своей земле. В 60-м году ему предложили возглавить только что созданный Университет дружбы народов имени Патриса Лумумбы (сегодня – Российский университет дружбы народов). От такого серьезного предложения не каждый мог отказаться, но Мирзо Турсунзаде этим предложением не воспользовался. Единственная причина его отказа заключалась в том, что работа предстояла в Москве. «Постоянно там жить я не смогу. Я без Таджикистана – никуда», мотивировал свое решение поэт.

Первые поэтические и прозаические произведения Мирзо Турсун-заде печатались в сборниках и периодических изданиях с 1932 года («Байроки зафар»). Начиная с 1938 года, поэтические произведения поэта стали издаваться как в подлиннике, на таджикском языке, так и в переводах на русский язык и другие языки народов мира. Переводы произведений Мирзо Турсунзаде на языки других народов, его личные встречи с поэтами и писателями, то есть со своими собратьями по перу, его участие в съездах и конференциях писателей с народами разных наций и народностей помогали ближе узнать таджикского поэта Мирзо Турсунзаде, а также способствовали сближению братских литератур. Та популярность, которой пользовался сын таджикского народа, давала ростки для взаимосвязи таджикской литературы с литературой других народов, стремления лучше узнать жизнь и быт друг друга, обогатить свою национальную культуру с достижениями культур других народов.

Известный таджикский поэт Абдулкасим Лахути подчёркивал особое значение переводов Мирзо Турсунзаде, которые, по его словам, «должны спаять в единую интернациональную семью всех писателей, сделать их произведения, несмотря на разнообразие языков, доступными для всех трудящихся». Свидетелем сказанного служит поэма Мирзо Турсунзаде «Сын Отчизны», которая написана в военные годы (1942 г.). В этой известной поэме поэт раскрывает тему братства народов, их совместной борьбы с фашистскими захватчиками. Боевая дружба связывает героя этой поэмы Кадыра с украинцем Миколой. В тяжёлом бою таджикский парень - солдат спасает от смерти своего украинского друга, бойца Миколу. Эта поэма переведена почти на все языки мира. В журнале «Альманах» («Созвездие»), были опубликованы такие стихи Мирзо Турсунзаде, как «Пусть всегда будет женщина», «Мать», «Конь мой горячий, огненной масти», переведённые украинским поэтом Теренем Масенко. Поэмы «Хасан - арбакеш», «Голос Азии» вышли в 1961г. отдельным изданием в переводе Миколая Терещенко.

Заметное место в творчестве Мирзо Турсунзаде занимает интернациональная тематика. В них воспета храбрость, отвага, смелость, любовь к Родине, раскрываются образы борцов за свободу. Следует отметить, что любви к Украине, к её гостеприимному народу посвящены такие стихотворения Мирзо Турсунзаде, как «Хлеб и соль» («Нону намак»), «Моя Украина» («Украинаи ман») и другие.

Чтобы дать возможность своим читателям лучше познакомиться с творчеством выдающегося таджикского поэта Мирзо Турсунзаде, как в республике, так и в зарубежных странах переводчики приступили к переводам его произведений на разные языки мира, и они появились в разных концах земного шара.

Мирзо Турсунзаде - истинный патриот. Светлое будущее таджикского народа Мирзо Турсунзаде видел только в семье братских народов. Самые искренние чувства выражаются в стихах славного поэта о Москве, о великом русском народе. Следует отметить, что с особой признательностью таджикский поэт красной нитью выделял прогрессивную роль русского языка в судьбах культур всех наций и народностей. Эту мысль подтверждают следующие строки:

***На языке, что светит нам***
***по - пушкински светло,***
***На языке, что нам принёс Чайковского тепло,***
***На языке, что прогремел с «Авроры» над Невой,***
***Я говорю: «Прекрасен мир, и он - навеки мой».***
***И если мир узнал о том,***
***что счастлив стал таджик,***
***Что сын казахов, наш Джамбул,***
***среди певцов велик,***
***Что щедрый край Узбекистан***
***сверкает, как цветник, -***
***То это ты возвысил нас, о русский наш язык!***

На русский язык было переведено более 1000 произведений Мирзо Турсунзаде. Но необходимо также подчеркнуть: таджикский поэт - певец мира и дружбы, сам тоже творил на русском языке:

***Мой край, быть может, и далёк, -***
***Он в сердце Азии возник.***
***Но знает ныне весь Восток:***
***Прекрасен он, хоть невелик.***

Каждый день жизни этого замечательного человека поучителен для каждого из нас, а также для подрастающего поколения.

Высоко оценены заслуги Мирзо Турсунзаде. Бессменный руководитель Союза писателей республики, один из секретарей правления Союза писателей СССР, Мирзо Турсунзаде по праву считается мудрым наставником многих известных литераторов. Человек редкого обаяния и поэтической прозорливости, он легко находил путь к сердцам людей. Эти качества удачно сочетались с масштабным государственным мышлением. Мирзо Турсунзаде участвовал в решении важнейших задач, стоявших перед республикой и страной. Всенародная любовь к поэту, гражданину и человеку, верному сыну земли таджикской, год от года только крепнет. Его именем названы улицы, предприятия, школы, библиотеки. В Каратаге, Душанбе и Худжанде имеются дома - музеи Мирзо Турсунзаде, которые посещают тысячи людей.

Мирзо Турсунзаде в развитие культуры таджикского народа вложил огромный вклад. В свое время он был любимцем народа и особенно женщин. Его имя было на вершине политических и культурных мероприятий.

Учитывая вложенный вклад Турсунзаде, современный Таджикистан дал ему статус Героя Таджикского народа, назвал национальную банкноту номиналом 1-сомони в его честь. Наряду с этим также название его родных краев переименовано в честь этого поэта (район Турсунзаде).

***САИДХОДЖАЕВА М. Н.***
***к.ф.н., старший преподаватель,***
***РАУПОВА К. О.***
***ассистент кафедры таджикского и русского языков***

# ҶАМЪБАСТИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ “ИЛМ - ФУРУҒИ МАЪРИФАТ”

***Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон баҳри иҷрои Амри Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баргузории озмуни ҷумҳуриявии “Илм – фурӯғи маърифат” (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2021, №АП-44) талош варзида, теъдоди зиёди донишҷӯёнро ба озмуни мазкур ҷалб намуд.***



Дар аввал фармоиши директори ДИС ДДТТ аз 5 марти соли 2021 таҳти рақами № 03/42 ба тасвиб расида, мутасаддиён вазифадор гаштанд, ки донишҷӯёнро ҷалб карда, дар навбати худ онҳоро то баргузории даври якуми озмун омода намоянд. Аз сабаби дар донишкада омӯзонида шудани фанҳои математика, технологияҳои информатсионӣ, ҷуғрофия ва экология омӯзгорон вазифадор гариданд, ки аз рӯи номинатсияҳои математика, технологияҳои информатсионӣ, ҷуғрофия ва биология бо донишҷӯён ба таври ҷиддӣ корбарӣ карда, онҳоро ба даври якуми озмун омода намоянд.

Санаи 20 апрели соли 2021 даври якуми озмун аз рӯи номинатсияҳои математика ва технологияҳои информатсионӣ баргузор шуд, ки дар он 53 нафар донишҷӯён аз рӯи номинатсияи математика (арифметика, алгебра, геометрия) қувваозмоӣ карданд. Ғолибони ин давр: Ҷобиров Алишер, донишҷӯи соли аввал, ихтисоси 250103(а) мақоми аввал, Бойназаров Ҷаҳонгир, донишҷӯи соли якум, ихтисоси 250103(а) сазовори ҷойи дуюм ва Шарипова Маҳина, донишҷӯи соли якуми ихтисоси 25010402 (т) мақоми сеюм гардиданд.

Аз рӯи номинатсияи технологияҳои информатсионӣ донишҷӯёни зерин ба чунин натиҷаҳо сазовор гаштанд: Алиев Азизҷон-донишҷӯи соли аввал, ихтисоси 250112т ҷойи аввал, Мусоев Ҷаҳонгир-донишҷӯи соли аввал, ихтисоси 40010202т мақоми дуюм ва Каримов Элбек-донишҷӯи соли сеюм, ихтисоси 260101т ҷойи сеюмро мушарраф гардиданд.

Озмун аз рӯи номинатсияи ҷуғрофия санаи 27 апрели соли 2021 баргузор шуд, ки дар он 32 нафар донишҷӯён аз ҳар се факултет аз рӯйи 4 шарти зерин ширкат варзиданд:

1. Кор бо тестҳо;
2. Саволҳои хаттии назариявӣ;
3. Кор бо харита;
4. Таҳия ва презентатсия.

Иштирокчиёни озмун бо завқи баланд ба ҳар як шарти озмун дониши худро нишон доданд. Махсусан, дар шарти кор бо харита дар байни донишҷӯён рақобати сахт ба назар расид.

Аз рӯйи шарти чаҳоруми озмун презентатсияҳо дар мавзуъҳои мубрами рӯз, монанди: “Захираҳои обии Тоҷикистон ва аҳамияти иқтисодии онҳо”, “Таъмини амнияти озуқаворӣ”, “Нақши нерӯгоҳҳои обии барқии хурд барои ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ”, “Саноат – омили муҳими рушди иқтисодиёт”, “Нақши ташкили боғҳои интенсивӣ дар баланд шудани ҳосилнокии зироатҳо” ва ғайра пешкаш карда шуданд.

Дар натиҷа аз рӯи номинатсияи ҷуғрофия донишҷӯёни зерин ғолиб омаданд:

1. Ҷои I. – Ҳайдаров Ҷонибек, донишҷӯи курси 1, ихтисоси 25010407;
2. Ҷои II. – Орифзода Шукронаи Низомҷон, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 260101;
3. Ҷои III. – Алиев Умедҷон, донишҷӯи курси 1, ихтисоси 25010407

Санаи 30 апрели соли 2021 озмуни мазкур аз рӯи номинатсияи биология барпо шуд, ки дар он 12 нафар донишҷӯён ширкат варзиданд. Дар натиҷа се нафар ғолибон муайян карда шуданд:

1. Ҷои I. – Саидиён Меҳрбону, донишҷӯи курси 1, ихтисоси 24010302;
2. Ҷои II. – Инъомова Ситора, донишҷӯи курси 1, ихтисоси 24010302;
3. Ҷои III. – Хушова Сумайя, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 24010302.



Даври якуми озмуни ҷумҳуриявии “Илм-фуруғи маърифат” бо воситаи телевизиони “Симои мустақили якум”, “Ҳафт ситора” намоиш дода шуда, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва сайти донишкада тарғиб карда шуд.

Ҳамчунин озмун байни омӯзгорон низ барпо шуд, ки дар он омӯзгорон аз рӯи номинатсияҳои зерин барои иштирок ба даври дуюм, яъне даври шаҳрӣ роҳхат гирифтанд:

1. Ҷабборов Абдурашид Абдукамолович – мудири кафедраи математикаи олӣ ва технологияҳои инноватсионӣ, н.и.и., дотсент аз рӯи номинатсия ихтироъкорӣ ва навоварӣ;
2. Ахмедов Мақсудҷон – муаллими калони кафедраи математикаи олӣ ва технологияҳои инноватсионӣ аз рӯи номинатсияи технологияҳои информатсионӣ;
3. Комилова Фарангис – ассистенти кафедраи ҷомеашиносӣ аз рӯи номинатсияи биология.



# ҒОЛИБОНИ ОЗМУНИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ» МУАЙЯН ГАРДИДАНД

***Дар ДИС ДДТТ даври якуми озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» гузаронида шуд, ки дар он донишҷӯёни се факултети донишкада: молия ва баҳисобгирии бухгалтерӣ, тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқ, иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионӣ фаъолона иштирок намуданд. Устодони кафедраҳои забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, инчунин забонҳои хориҷӣ донишҷӯёни донишкадаро ба озмуни ҷумҳуриявӣ омода намуданд.***

Бояд қайд намуд, ки озмунро ҳайати ҳакамон бо роҳбарии мудири шуъбаи илм ва инноватсия Камолов Ф.А., аъзоён – мудири кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ Файзиева С.А, устодон Холшехова С.А, Ашӯрова А.А ва Умуров И.Х. доварӣ намуданд.

Дар даври якуми озмун 67 нафар донишҷӯён аз факултетҳои донишкада иштирок намуданд ва аз рӯйи 5 номинатсия: “Адабиёти классикӣ”, “Адабиёти муосир”, “Адабиёти ҷаҳон”, “Адабиёти бачагона”, “Шоирӣ” мутобиқи талаботҳои Низомнома сатҳи дониши онҳо санҷида шуд.

Ҳайати ҳакамон ғолибони даври якуми озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”- ро муайян намуданд. Дар бахшҳои алоҳида донишҷӯёни зерин пирӯз гардиданд:

1. Ӯрунов Беҳрӯз, донишҷӯи курси 4, ихтисоси 25010407- молия ва қарз, аз рӯи номинатсияи шоирӣ, ҷойи 1.
2. Ӯрунов Фирӯз, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 25010407- молия ва қарз, аз рӯи номинатсияи шоирӣ, ҷойи 2.
3. Шарипов Муҳиддин, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 260101- идораи давлатӣ, аз рӯи номинатсияи шоирӣ, ҷойи 3.
4. Нурматов Санҷар, донишҷӯи курси 4, ихтисоси 960101- хадамоти гумрукӣ, аз рӯи номинатсияи адабиёти классикӣ.
5. Шокиров Мустафохон, донишҷӯи соли 2, ихтисоси 260101- идораи давлатӣ, аз рӯи номинатсияи адабиёти классикӣ.
6. Мадинаи Сӯҳробшоҳ, донишҷӯи курси 1, ихтисоси 25010402 – кори бонкӣ, аз рӯи номинатсияи адабиёти муосир.
7. Ачилова Рухшона, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 250103 – иқтисодиёти ҷаҳон, аз рӯи номинатсияи адабиёти ҷаҳон.
8. Ашрапова Фотима, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 250103 – иқтисодиёти ҷаҳон, аз рӯи номинатсияи адабиёти ҷаҳон.

***Рухшона АЪЗАМОВА***

# МОНИТОРИНГИ РАВАНДИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕШАЗДИПЛОМӢ

***Санаҳои 14-15 апрели соли 2021 бо ибтикори шуъбаи магистратура ва докторантура ва бо иштироки роҳбарони таҷрибаомӯзии пешаздипломии кафедраи молия ва қарз мониторинги раванди таҷрибаомӯзии хатмкунандагони шуъбаи рӯзона дар муассисаҳои таҷрибаомӯзӣ: филиали БДА ҶТ “Амонатбонк” дар вилояти Суғд, ҶСК “Бонки Эсхата”, филиали ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” дар шаҳри Хуҷанд, Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд, ТАҚХ “Имон Интернешнл” гузаронида шуд.***

Натиҷаҳои мониторинг нишон доданд, ки ҳамаи хатмкунандагон саривақт ба объектҳои таҷрибаомӯзӣ ҳозир шуда, бо ҳама гуна амалиётҳо, шуъбаҳо, низоми иттилоотии компутерӣ шинос гардида, таҷрибаҳои корхонаҳоро омӯхтанд ва савияи дониши худро баланд бардоштанд. Чизи муҳиме ки ба назар расид, он буд, ки роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз истеҳсолот аз донишу малакаи хатмкунандагон қаноатманд гашта, якчанд нафари онҳоро пас аз хатми донишкада ба кор даъват намуданд.



Механизми бақайдгирии корхонаҳои таҷрибаомӯзӣ хуб ба роҳ монда шуда буд, зеро ки роҳбарони таҷрибаомӯзӣ дар корхонаҳо дафтари махсуси омаду рафти хатмкунандагонро ташкил намуда буданд ва ҳар рӯз омаду рафти хатмкунандагон ба объекти таҷрибаомӯзӣ қайд карда мешавад.

Ҳангоми мониторинг хатмкунандагон ба мо якчанд амалиётҳо, барномаҳоеро, ки дар рафти таҷрибаомӯзӣ омӯхта истодаанд, нишон дода, пешниҳод намуданд, ки хуб мешуд агар муаллимони донишкада дар раванди дарс аз лоиҳаҳо, барномаҳое, ки дар корхонаҳо мавҷуданд, васеъ истифода мебурданд ва ба онҳоро ба донишҷӯён дастрас менамуданд.

Умуман, мониторинги раванди таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ нишон дод, ки хатмкунандагон бо масъулият ва омодагии баланд дар ҷараёни кори объекти таҷрибаомӯзӣ иштирок намуданд.

***РАҲМАТОВА З.И.,***
***мудири шуъбаи магистратура***
***ва докторантура, н.и.и., дотсент***

ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТ

МУАССИС:
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, х. Исмоили Сомонӣ 169,
тел: (83422) 6-03-21

Сармушовир Абдулмаҷиди БОБОҶОНИЁН

Муҳаррир Нӯъмон РАҶАБЗОДА

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ҳомид ҲОШИМЗОДА, Шӯҳратҷон МАШОКИРОВ, Инъомҷон АМИНОВ, Далерҷон МИРПОЧОЕВ, Гулчеҳра АҲРОРОВА, Маъруф ҲАКИМЗОДА, Нодирҷон ҶАЛОЛОВ, Зокирҷон ШАРИПОВ, Галина КОМАРОВА, Абдумавлон АЗИМОВ

Веростор: КОМРОН

Ҳайати эҷодӣ:
Фаррух Турсунов, Саидқосим Мухторов, Муаззамбек Шогунбеков, Фаррух Камолов, Абдувалӣ Акбарзода, Мадина Бузурукова

Нишонии идора: шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Аминҷон Шукӯҳӣ 2
тел: (83422)-6-18-60

Дастхатҳо ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд

Моҳвора дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0405/РЗ аз 21.06.2016 сабти ном шудааст

Нашрия дар ҶСК “Набӣ Фахрӣ” чоп шудааст.

Фармоиши №____ Теъдоди н.

